There are no translations available.

Он хама шӯъбадахо акл, ки мекард он чо,

Сомирӣ пеши «асо»-ву «яди байзо» мекард.

Хоча Хофизи Шерозӣ

Ин чо Хоча Хофиз талмехан ба мӯчизахои Мӯсо онхоро ба шӯбадбозихои акл ва чашмбандли яхуд сомирӣ, к ибо сохирӣ дар муддати гайбати Мӯсо мардумро гумроху гӯсолапараст карда буд, мукобил гузоштааст.

Айнан кореро, ки дар муддати ба сифати мухаррири сомонаи «Ислох» ифои вазифа намуданаш М.Садруддин ичро менамояд. Чодугарӣ, шайтонӣ, фолбинӣ ва тафсирхои норавову сатхии М.Садруддин хати кримзро убур карда, ба шахсисти кормандони давлатӣ, ки чузъи пешрафтаи хар як чомеа мебошанд, хакоратро нисор мекунад, вазъиятро воруна нишон медихад.

Мухолифи аслӣ баёни фиребгарӣ ва сиёсат чудоӣ мегузорад. Чунон сиёсатро хуккабозӣ пиндоштаанд, ин беикболакхо фазои мачозиро ба майдони тахкиру хакорат табдил додаанд. Харчанд маълум аст, ки аз сиёсатмадорони рохи кач, ки шоир онхоро хуккабоз гуфтааст, таваккуъ ва интизори рохи ростинро доштан куллан нодуруст аст, вале он чи ки М. Садруддинро аз дигарон мутамойиз мекунад, ӯ фишанги боздорандаи забону ва рафтори худро назорат намекунад. Намедонад, ки шахси окил агар дарвозаро баст, панчарарро барои рӯзи мабодо боз мемонад.

Бо корхое, ки Мухаммадикбол мекунад, интизор меравад ӯ то охири умр овораву гариб мемонад. Ифшогарихое, ки М.Садруддин бо дурӯгу рост даст мезанад, пайомади хуб надоранд. Афсурдагӣ ва изтиробхои равонӣ дар мавкеъгирихои Мухаммадикболи

Садриддин вактхои охир баръало эхсос мешавад. Мавзӯъхо гуногунро дастак карда, боз анбӯхи тухмату гайбатро бар сари кормандони хифзи хукук мерезад. Намедонад, ки хама аъмол подош ва мукофот дорад. Парвози фикри Мухаммидкбол ба андозае подархавост, ки аз Париж истода хукми кормандони давлатиро мебарорад. Ин нахзатихо хаёл мекунанд, ки замони хукумати ба ном мусолихаи миллист, ки мулло Абдугаффор хам милиса буд хам амният ва намедонанд, ки касе аз чавобгирии конунӣ дар худуди чумхурӣ дар канор нест.

Мухамадикболи овора намедонад, ки давлату давлатсозӣ хавсалаву дониш ва тачриба металабад. Гарбихо чӣ кадар давлати мутамарказ сохтанд. Конун хукмфармо ва хукукхои хамаи инсонхо дар мадди аввал. Ренессанс танхо бо лачом задани муллохои насронӣ ба кор омад. Ин якин аст. Тамоюли равшангарӣ ин тавр ба рох монда мешавад, на мисли нахзатихо, ки боз барои чанги навбатии дохилӣ омодагӣ мебинанд.

Точик халки якдаставу муттахид аст, ин 30 нафар нахзатие, ки дар хоричи кишвар хастанд, ба ин хисоб шомил нестанд. Намешавад, ки бо тақдири миллат дар ду дахсола 2 бор бозӣ кард. Мардум ба шумо нахзатихо хамчун хори маргелон менигараду шуморо як абзори хоричӣ медонад.

Кадом давлатро дидӣ, ки аз мухочирони мусаллахаш даъват ба амал мебарорад, ки биёед, баргардед. Хамин рафтори устодони маънавиатро як бор ба тахлил бигир. 5 млн. эрониро бе Ватан карданд ва то хол аз аспи чахолат нафуромадаанд ва ишорае хам барои созиш надоранд. Демократияи либералӣ бо омехтаи тундгароии нахзатӣ дар ягон китоби сиёсатшиносӣ тасвир нашудааст, ки М.Садруддин мехохад амалӣ намояд. Нахзатихо мехоханд хам охиратро сохибӣ кунанд ва хам охиратро. Ягона фарде ки аз сар задани хар гуна нооромӣ дар чумхурӣ табли шодӣ мезанад ва хурсандӣ мекунад, М.Садруддин аст.

Тахлили фаъолияти се соли охири шӯъбадабоз оппозитсионери бахтбаргашта, дар дохил ва берун нишон медихад, ки ба таври нохудогох бар зидди лоихахои сарнавиштсози миллат мебошад, зеро хӯйи гуломӣ ва бардапарварӣ чунон дар зехнаш накш бастааст, ки мехохад хама ба мисли ӯ бардаву гулом бошанд.

Табаралӣ Сайвалиев, тахкикгар, сокини ш.Бохтар